Ба ҷои табрик

# Рамузи хушбахтӣ

**Донишманде, ки аз маълумоти худ баҳра баргирад, аз ҳафтод ҳазор обид бартар аст.**

**Муҳаммади Боқир.**

Вақте қалам ба даст гирифтам, ки дар бораи ин марди шариф, донандаи маъруфи адабиёт—Раҳим Ҷӯраевич Воҳидов чизе бинависам, ёдам ба рӯзҳое рафт, ки ману ӯ пасу пеш донишомӯзи Донишгоҳи давлатии Самарқанд будем. Вай аз деҳаи Убаи ноҳияи Ғиҷдувони Бухоро дар ҷустуҷӯи дониш ба Самарқанд омад. Ҳамон рӯзҳо, ки миёни мо унсият буд, ҳарфи қатъии ӯ дар ёдам ҳаст, ки мегуфт: донистан тавонистан аст, аз он рӯзгор вақти зиёде гузашт. Ҳоло ба ифодаи Бӯалии Сино, ӯ ба аҳди камолоти ҷавонӣ расидааст ва ба назари камина, аз хушбахттарин мардумонест, ки зиндагиашро дар роҳи хостаҳои мардум сарф кард. Оре, ин хушбахтии баргузида аст, хушбахтиест монанди гулоб ва замоне, ки атри гулобро барои дигарон арзонӣ медорӣ, бешак, худ низ аз он баҳра хоҳӣ бурд.

Раҳим Ҷӯраевич то ба ин саҳна, ки мояи ифтихори ҳам ӯву ҳам ёрони ҳамроҳаш ҳаст, осон нарасидааст. Солҳои пурҷустуҷӯ ва пурҳаёҳуи донишҷӯӣ дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд паси сар шуданд. Ин солҳо ӯ бо кӯмаки устодон ва бевосита сарпарастии донишманди маъруфи адабиёт, академик Ботурхон Валихӯҷаев дар роҳи омӯзиш ва ҷустуҷӯҳои илмӣ қадами аввал гузошт. Ба омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти ӯзбеку тоҷик ҷиддан машғул шуд ва нахустин кӯшишҳояш дар ин ҷода умедвории устодонро аз ӯ зиёд мекард. Баъди ҳатми донишгоҳ ба зодгоҳаш баргашт ва муддате дар мактаби таълимдидааш ба омӯзгорӣ пардохт. Баъди адои хизмати ҳарбӣ ӯро ба кафедраи адабиёти Институти омӯзгории Бухоро ба кор даъват карданд. Маҳз кор дар ин донишкада роҳу равиши минбаъдаи ӯро дар зиндагӣ муайян сохт. Солҳои 1969-70 дар аспирантураи Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсил кард ва ниҳоят зери роҳбарии академик Ботурхон Валихӯҷаев дар маввзӯи «Ҳаёт ва эҷодиёти Шайхим Суҳайлӣ» рисолаи номзадиро ҳимоя кард.

Таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти Шайхим Суҳайлӣ диққати ӯро ба масъалаи алоқаҳои адабии тоҷику ӯзбек ҷалб кард. Дар мисоли эҷодиёти ин шоири зуллисонайн аввалин олим анъанаи дузабонӣ ва инкишофи он дар асрҳои миёна, хоса асрҳои XV-XVI-ро муайян карда, ин санадро ҳамчун яке аз шаклҳои воқеии зуҳури алоқаҳои адабии ду халқи бародар таъбир кард.

Таваҷҷӯҳ ба масъалаҳои адабии тоҷику ӯзбек таҳқиқи мушкилоти таърихӣ-типологии ин мавзӯъро ба миён оварад, ки Раҳим Ҷӯраевич онро муфассал тадқиқ карда, комёб шуд ва дар ин замина рисолаи докторӣ навишт ва онро бо муваффақият ҳимоя кард.

Донишманд дар ин рисола алоқа ва таъсири мутақобили адабиёти халқҳои ӯзбеку тоҷикро дар мисоли воқеияти таърихию адабии асрҳои миёна дақиқ омӯхта, ба хулосаи дуруст омад, ки ин шакли алоқа «аз ҷумлаи муҳимтарин қонуниятҳои тараққии адабиёти халқҳои тамоми дунё буда», дар роҳи инкишофи пайвандҳои маънавии халқҳои гуногунзабон омили муҳим будааст. Заҳмати муттасил ва собитқадамонаи ӯ дар ин замина бор оварад ва алоқамандони адабиёт соҳиби рисолаҳои муфиде, монанди «Шеъри ӯзбек ва тоҷик дар нимаи дуюми асри XV ва ибтидои асри XVI» (1983), «Тарҷумаҳои «Маҷолис-ун-нафоис» (1984) ва «Алломаи бузурги Шарқ» (1989) гардиданд. Фаъолияти ӯ дар ин замина вусъат ёфт ва худаш низ чун донандаи забону таърих ва адабиёти ду халқи ҳамҷавор асарҳояшро ба забонҳои ӯзбекиву тоҷикӣ ба чоп мерасонд. Амалан анъанаи дузабониро ба замони мо интиқол дод ва таҳким бахшид. Натиҷаи ин заҳмати пайгиронаи ӯро мо дар мисоли рисолаи «Муҳаққиқи бузурги ду адабиёт» (1978), ки бо ҳамқаламии академик Б.Валихӯҷаев таълиф кардааст, равшан мебинем. Рисолаи «Эҷодиёти Навоӣ—манбаи илҳом»-ро ба забони ӯзбекӣ навишт ва соли 1981 нашр намуд. Илова ба ин бо ҳамкории М.Қосимова тадқиқотеро дар боби «Тарҷумаҳои тоҷикии «Хамсат-ул-мутаҳайирин»-и Алишери Навоӣ» анҷом дод ва соли 1990 ба чоп расонид, ки арзиши фаровони илмӣ дорад. Рисолаҳои дигари ӯ «Чашмаҳои илҳом» (1989) ва «Пайвандҳои адабӣ сарҳад надорад» (1991) дар таҳққиқи мушкилоти алоқаҳои адабӣ ва шаклу воситаҳои зуҳури он сухани тоза ва баарзиш аст.

Соҳибихтиёрии кишвари азиз барои фарзандони боҳунар ва донишманд истиқлолияти фикр ва андешаро низ тақвият бахшид. Чорчӯбаҳои сохтаи мафкуравиро дар роҳи маърифати адабиёт шикаст ва аз байн бурд. Ин ҳодисаи муфид ба олимони собитқадам майдони тоза ва вусъатноки андешаро муҳайё сохт. Ана дар ҳамин шароит бародари донишманди мо ба таҳқиқи масъалаҳое пардохт, ки даҳсолаҳо қабл дар ин мавзӯъҳо чизе гуфтану навиштан мумкин набуд. Дар ин равиш тадқиқоти муфиди ӯ «Алишери Навоӣ ва илоҳиёт» (1994), «Мактаби эҷодии Алишери Навоӣ» ва «Маънавият—саъодати комил»-ро (1997) метавон зикр кард.

Вақте ки номгӯи мақолаву рисолаҳои ин марди фозилро пеши чашм овардам, аз вусъати кори анҷомдодаи ӯ дар дилам шӯълаи ифтихор пайдо шуд. Бисёранд онҳо. Вале дар ин миён рисолаҳои «Навоӣ зинда аст» (1991) ва «Навойи қалбида сирлашган инсон» (1991), ки бахшида ба фаъолияти илмии олимони забардасти навоишинос—академик Б.Валихӯҷаев ва А.Ҳайитметов навиштааст, ҷойгоҳи хос доранд. Дар назари аввал ин асарҳо гӯё аз таърихи навоишиносӣ баҳс мекунанд. Агар ба таҳқиқ мутолиа кунем мебинем, ки доираи назари муаллиф хеле васеъ аст. Вай зимни таъкид ва эътирофи хизматҳои донишмандоне чун академик Б.Валихӯҷаев ва нависанда Ҳамид Олимҷон дар инкишофи навоишиносӣ, таваҷҷӯҳи алоқамандони адабиётро ба масъалаҳое монанди ҳаёти шоир дар Машҳад ва Самарқанд, Ҷомӣ ва Навоӣ, Навоӣ ва адабиёти форсии тоҷикӣ ва ғайраҳо ҷалб мекунад, ки арзиши фаровони илмию таърихӣ доранд.

Назари пурвусъат ва моҳиятҷӯ ба ин донишманди арҷманд имконе фароҳам овард, ки таърихи адабиёт ва афкору осори гузаштагонро дар қоби китобҳояш фаро гирад, моҳият ва арзиши онҳоро барои имрӯзиён таъбир ва тафсир кунад. Сухани бавазну бамеҳраш аз боби осори адабиёт ва шахсиятҳои барӯманди адабӣ навиштаҳояшро дилкаш сохтаанд. Онҳоро хонда як сӯ намегузоред, балки дар дилу дида ҷой медиҳед, ҷойгоҳи хосеро дар рафи китобҳо барояшон ҷудо мекунед. Китобҳои дигари ӯро, монанди «Бобуре, ки медонему намедонем» (1999), «Имон—гавҳари қалб» (1999), «Маърифати сухан» (2001), «Шеърият қалби шоир» (1987), «Ишқ боли маърифат» (2000), «Қалби мунаввари олами кӯдакон» (2000) ва ғайра бо шавқ ва ихлоси тамом хонда, дармеёбед, ки ин марди ҷӯё таърих, маънавиятро аз замоне то замони дигар интиқол медиҳад, чароғдори ёди гузаштагони шӯҳратманд дар дунёи имрӯз аст. Чунонки ишора кардем, Раҳим Ҷӯраевич фарзанди Бухорост. Бухорое, ки ҳазорон сол поядори адабу фарҳанг буда ва ӯ низ дар ҳамин муҳити маърифатпарвар тарбият ёфта, ба камол расидааст. Ба ифодаи дигар, хатти иртиботи маънавиро миёни Бухорои дирӯз ва имрӯз пайванд медиҳад. Беҳуда нест, ки қисми фаъолияти эҷодияш бахши мавзӯи Бухоро буда, мақолаҳои «Айнӣ ва шоирони Бухоро», «Мирзошоҳ Фоизи Бухороӣ»,«Мунзими Бухороӣ», «Иброҳими Субҳӣ» ва «Шоирони машҳури Бухоро» натиҷаи ҳамин кӯшиш ва пайгирии ӯст.

Ҳакиме фармудааст, ки донишмандон касоне ҳастанд, ки аз ёд гирифтан ва ёд додан сер нагарданд. Оре, ӯ донишмандест, ки бештари умрашро ба ёд додан бахшида ва ҳанӯз ҳам дар ин ҷода собитқадамона заҳмат мекашад. Зери раҳбарии ӯ нафароне чанд рисолаҳои номзадӣ ҳимоя кардаанд ва дар пешрафти илм ҳиссагузоранд.

Дар охир ҳақиқатеро мегӯям, ки домулло Раҳимака шахси фавқулодда хоксору фурӯтан ҳастанд. Гоҳо ин хислати нек он касро камнамо месозад. Вале мо дар Самарқанд истода мебинем ва яқин мекунем, ки дар Бухоро ҳаст марди азизе, ки бо чеҳраи поки инсонӣ, бо сиришти зебо ва хидматҳои бемислаш дар пешрафти илми адабиётшиносӣ боиси ифтихори пайвандон, ёрони ҳамроҳ, алоқа ҳаст ва хоҳад монд.

**Ҷумъақул ҲАМРОЕВ,**
**устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишери Навоӣ, номзади илми филология, дотсент.**

# Соли эъзози куҳансолон



**Биҷӯй аз паҳлӯи пири мукаммал,**
**Ки ин бошад ба даст овардани дил.**
**Акси манзаравии Раҳимшоҳ ШАРИФЗОДА.**

# Навигариҳои вилояти Намангон

## Фаъолияти «ҳамкор»

**НАМАГОН.** Ислоҳоти ҳаёти ҷамъият, демократикунонӣ ва озодгардонии ҳаёти ҷомеа, рушду тараққиёти минбаъдаи ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакатамонро бе иштироки васоити ахбори умум тасаввур кардан мумкин нест. Бахусус, дар сессияи нӯҳуми даъвати дуюми Олий Маҷлис боз ҳам васеъгардонии имконияти воситаҳои ахбори умум бори дигар таъкид гардид. Вале набояд фаромӯш кард, ки имконияту ҳуқуқҳои васеи ба журналистон дода шуда бояд ба равандҳои демократӣ, қадриятҳои миллӣ ва тинати (менталитет) халқамон хизмат кунад.

Ин нуктаҳо чанде пеш дар созмони навбунёди «Ҳамкор»-и журналистони водии Фарғона, ки аз тарафи хазинаи «Кӯмак»-и Институти ҷамъияти кушоди Ӯзбекистон дар назди идораи рӯзномаи «Сӯҳбатдош» таъсис ёфтааст, мавриди баҳс дар атрофи мизи мудаввар баён гардид.

Маҷлиси нахустини «Ҳамкор»-ро котиби матбуоти ҳокими вилоят Азизбек Абдувалиев кушода навбати суханро ба намояндаи Олий Маҷлиси ҷумҳурӣ, ҳамраиси хазинаи дастгирӣ ва демократикунонии васоити ахбори умумии Ӯзбекистон, сармуҳаррири маҷаллаи «Ӯзбекистон матбуоти» Хуршед Дӯстмуҳаммад медиҳад.

Номбурда дар баромади худ оиди ҷараёни демократикунонии ҳаёти васоити ахбори умумии ҷумҳурӣ, вазифаҳои журналистон дар ҷараёни ислоҳоти ҳаёти ҷомеа фикрҳои хешро баён намуд. Дар ҷамоъмади нахустини «Ҳамкор» эҷодкорону журналистон аз рӯзномаҳои гуногуни водии Фарғона иштирок намуданд.

## Маҳсулоти серталаб

**УЧҚӮРҒОН.** Имрӯзҳо маҳсулоти ҷамъияти саҳҳомии «Учқӯрғон»-ро натанҳо дар водии Фарғона, балки саросари ҷумҳурӣ аксарият медонанд гӯем, муболиға намешавад. Зеро, равғани растании хушсифат ва тозаву мусаффои бо нишонаҳои «Ӯзбекистон» ва «Марҷона» дар зарфҳои пластикӣ қадоқшудаи корхона дар рафҳои дӯконҳо дер вақт намемонад. Аз ин сабаб ба маҳсулоти корхона вақтҳои охир аз кишварҳои ҳамсоя ҳам фармоишҳо меоянд.

Мувофиқи маълумоти сардори сехи қадоққунии равған Ҳошимҷон Йӯлдошев дар тӯли 10 моҳи гузашта 130 ҳазор адад зарфҳои пластикии равғани Учқӯрғон ба истеъмолкунандагон фиристода шудааст.

Арзиши умумии маҳсулоти истеҳсолгардида 1 миллиарду 422 миллион сӯмро ташкил намуд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта хеле зиёд аст.

**А. НУРИДДИНОВ.**

# Муроҷиатномаи

## Иштирокдорон ва меҳмонони бизнес-анҷумани Осиёи Марказӣ

Дӯстони азиз!

Аввалин бизнес-анҷумани доираҳои корчаллон ва тадбиргарони Осиёи Марказӣ, ки бо ташаббуси сарони давлатҳо-узви Ташкилоти «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» дар Тошканд ба амал омад, саъю кӯшиши Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро оиди муттаҳид сохтани саъю кӯшише возеҳу равшан тасдиқ менамояд, ки ба амиқ гардондани ҳамкории иқтисодии мамлакатҳои минтақаамон нигаронда шудааст.

Мо муборакбодии сарони давлатҳои Ташкилоти «Ҳамкории Осиёи Марказӣ»-ро, ки бо унвони иштирокдорон ва меҳмонони анҷуман ирсол гардидаасту дар он саъю кӯшиши фароҳам овардани шароити мусоид баҳри рушди ҳамкорӣ байни тадбиргарони мамолики Осиёи Марказӣ зикр ёфтааст, бо фахру ғурур пешвоз гирифтем.

Дар рафти кори бизнес-анҷуман мубодилаи афкори кушоду конструктивӣ оид ба масъалаҳои ташаккул додани таъмини мелиявиву вомии ҳамкории минтақавӣ, муназзам рушд ёфтани соҳибкории хурду миён ва созмон додани корхонаҳои муштарак, вусъат додани ҳаҷми савдои минтақавӣ, ҷалб сохтани сармояҳои хориҷа ба иқтисодиёти давлатҳоямон, таъмини иттилооти иштирокдорони бозор, ҳамчунин тараққиёти коммуникатсияҳои нақлиётии минтақавӣ ба амал омад.

Бизнес-анҷуман аввалин тадбире гардид, ки иштирокдорони асосии он соҳибкорон, саноатчиён, кормандони соҳаи кишоварзӣ, банкирҳо, намояндагони ҳукумат гардиданд, ки ба рушди муносибатҳои дуҷонибаву серҷонибави савдову иқтисодиёт байни мамлакатҳои минтақа фаъолона таъсир мерасонанд. Мо дар ин бобат амиқан эътимод дорем, ки дар рафти кори анҷуман ба вуҷуд омадани равобити кордонона баҳри рушди ҳамкории иқтисодии минтақавӣ дар асоси равобити бевоситаи истеҳсолӣ, аз он ҷумла дар соҳаи соҳибкории хурду миёна мусоидат мекунад.

Дар бизнес-анҷуман иштирок намудани сарварони Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо, Бонки тараққиёти Осиё аз пайваста афзудани майлу шавқи ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбати рушди минбаъдаи ҳамкории иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ, саъю кӯшиши бонкҳои калони байналхалқии сармоягузорӣ барои расондани ҷонибдории доманадори молиявӣ ба равандҳои мазкур гувоҳӣ медиҳад.

Иштирокдорони бизнес-анҷуман ҳамдигарфаҳмии пурра ҳосил карданд ва тавсияҳои ризомандгардидаро оид ба амалӣ гардондани тадбирҳои мушаххас дар соҳаҳои такмил додани заминаи қонунбарориву меъёрии ҳамкории минтақавӣ, ба рӯи об баровардани лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ, такмил додани инфрасохтори нақлиётӣ ва амиқ гардондани равобит дар сохторҳои байналхалқӣ таҳия намуданд.

Мо ба роҳбарияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва сокинони Тошканд барои меҳмоннавозиашон ва ташкили хуби аввалин бизнес-анҷуман миннатдории самимонаи худро баён месозанд.

Мо дар ин бобат мӯътамад ҳастам, ки бизнес-анҷумани Осиёи Марказӣ ҷиҳати доимӣ пайдо мекунад ва барои амиқ гардидани ҳамкории ба ҳамдигар муфиди тиҷоративу иқтисодӣ ҳиссаи сазоворона мегузорад, ки гарави рушди бомуваффақияти мамлакатҳои минтақа ва фароҳам овардани шароит барои пешрафт ва бахту саодати халқҳоямон мебошад.

**Иштирокдорон ва меҳмонони бизнес-анҷумани Осиёи Марказӣ.**

шаҳри Тошканд, 28 ноябри соли 2002..



Санъаткорон алҳол меҳмони меҳнаткашони деҳот буда, онҳоро бо дастовардҳои меҳнатиашон муборакбод менамоянд.

**Дар сурат:** Шаҳнозабону дар хизмати меҳнаткашони ноҳияи Мирзочӯли вилояти Ҷиззах.

**Аксбардор: Раҳимшоҳи Шарифзода.**

# Рӯзнома бояд хонданбоб бошад

**(Мусоҳиба)**

Дар тӯли дувоздаҳ соли кориам дар рӯзномаи «Овози тоҷик» бо бисёр одамони касбу кори гуногун шинос шудам. Бо бисёр он шиносҳо бо гузашти айём ноаён риштаи дӯстӣ пайдо кардам. Яке аз чунин дӯстони ҳамдилу ҳамфикрам Бахшулло Асадов мебошад. Бахшулло корманди савдост. Ӯ марди хирадманду бофарҳангест. Аз таърих, ҷуғрофия, адабиёти классикиамон ва ҷаҳон огоҳ аст. Аз ҳама муҳимаш, ӯ марди худогоҳ. Солҳои зиёд аст, ки ба рӯзномаи «Овози тоҷик» обуна. Ҳар боре ки бо ӯ рӯ ба рӯ гардам, дар бораи ҳусну қубҳи ин ё он мақола, шеър ва ҳикояҳое ки дар рӯзнома дарҷ мегардад, баҳс мекунад.

Ҳар як гуфтаҳои хешро бо далелу санадҳои боварибахш исбот менамояд ва дар навбати худ роҳҳои ислоҳи онро беғаразона нишон медиҳад. Ба қарибӣ мо ба идораи Бахшулло Асадов, ки феълан раиси маркази савдои «Файз»-и ноҳияи Узунро дар ӯҳда дорад, ташриф овардем.

Пас аз ин сӯҳбат ба хулосае омадам, ки аксар эродҳои Бахшулло Асадов оиди кори рӯзнома беғаразона, дилсӯзона буда, барои рафъи камбудиҳо дархӯрд асту халос. Аз ин хотир ҷоиз донистем, ки ин мусоҳибаро манзури хонандагон гардонем.

—Ман аз соли 1983 инҷониб рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ҳоло бо номи «Овози тоҷик» дарҷ мегардад, мутолиа мекунам. Ҳар як шумораи онро бесаброна интизор мешудам ва ҳамаи саҳифаҳои онро пурра мехондам. Солҳои донишҷӯиям дар Донишгоҳи савдои шаҳри Самарқанд пайваста, ин рӯзномаро мехондам,—мегӯяд суханашро идома дода Бахшулло Асадов. Он солҳо шеърҳои шоирон Лоиқ Шералӣ, Мӯъмин Қаноат, Ҷонибек, Паймон, Абдулло Раҳмон, Абдулло Субҳон, Сулаймони Хӯҷаназарро, ки дар саҳифаҳои рӯзнома дарҷ мешуд, бо завқ мехондам. Баъдтар тавассути ин рӯзнома донистам, ки дар воҳаи Сурхон ба мисоли Сулаймон Хӯҷаназар, Абдулло Раҳмон, Чоршанбеи Деҳнавӣ, Холбой Ҷалил, Муҳаммадҷон Раҷабов барин эҷодкорони болаёқат кору эҷод мекардаанд.

Рӯзномаи «Овози тоҷик» ягона рӯзномаест, ки дар ҷумҳурияти мо ба забони модариамон дарҷ мегардад. Бояд ин рӯзнома ҳам барои кишоварз, ҳам барои дигар табақаи одамон баробар хизмат расонад. Ба ҳамагон маълум аст, ки муштариёни зиёди рӯзнома, омӯзгоронанд. Аз ин лиҳоз бояд рӯзнома дар ҳар шумораи худ мақолаҳои илмӣ, методиро барои мактабиён дарҷ намояд. Хеле хуб мешуд рӯзнома дар бораи ҳаёт ва фаъолияти одамони машҳури ба монанди Шоислом Шомуҳамедов, Наҷмиддин Комилов, Ботурхон Валихӯҷаев, Саъдулло Кароматов, Холиқ Мирзозода ва дигар устодони донишгоҳи Давлатии Самарқанд, Тошканд, Бухоро очерку лавҳаҳо дарҷ намояд.

Солҳои охир устод Мӯҳсин Умарзода як қатор мақолаҳои илмӣ, таърихӣ чоп карданд. Агар рӯзнома чакидаҳои қалами ин марди хирадмандро бештар дарҷ намояд аз аҳамият холӣ набуд. Хеле, хуб мешуд агар рӯзнома аз ҳаёт ва фаъолияти шоирони аҳли тасаввуф ва намунаҳои эҷодиёти онҳо пешкаш намояд.

Чанд сол қабл аз ин рӯзнома дар бораи сайри таърихии шаҳру навоҳӣ, обидаҳо мақолаҳо дарҷ намуда буд, солҳои охир аз он нишоне нест. Дар ин мавзӯъ олимон, муаррихон, забоншиносонро ба ҳамкорӣ бояд даъват намуд. Дар бораи муҳити адабии ҳавзаҳои Хоразм, Қӯқонд ва махсусан дар бораи шоирони он давра Амир Умархон, Нодира, Муқимӣ маводҳои хонданибоб дарҷ карда мешуд, хуб мегардид.

Солҳои салтанати шӯравӣ як қатор шоирону олимон ба монанди Фитрат, Авлонӣ, Чӯлпон қурбони дасисабозон шуданд. Дар ин мавзӯъ силсилаи материалҳо дарҷ мешуд, ба гумонам нуран аъло нур мебуд. Дар ҳар диёр фарзандони некном ҳастанд, ки дар байни халқ обрӯ ва нуфузи зиёд доранд. Хеле хуб мешуд кормандони рӯзнома дар бораи кору бори ин одамон очеркҳои тарҷумаҳолӣ дарҷ намоянд. Эродҳои банда асосан дар он аст, ки хабарҳои бисёри расмӣ, барномаи телевизионро дарҷ набояд кард. Ҳоло дар ҷумҳурии мо рӯзномаҳое хеле зиёданд, чӣ ҳоҷат аз чопи барномаҳои радиову телевизион? Агар кормандони эҷодии рӯзнома аз ин эродҳои банда наранҷида, аз паи ислоҳи кор мешаванд, ба гумонам рӯзномаи «Овози тоҷик» боз ҳам хонданибоб мешуд ва обрӯву нуфузи он дар байни хонандагон дучанд мешуд.

**Мусоҳиб:**
**Нуралии РАҶАБ,**
**паёмнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

***Аз идора: дар ин сӯҳбат мавзӯъҳои муҳим ба миён гузошта шудаанду аксари онҳо баҳсталабанд. Аз ин рӯ ба шумоён, муштариёни азиз, муроҷиат карда, хоҳиш мекунем, ки дар ин бобат фикру мулоҳизаҳои хешро баён созед. Чунки «як гул баҳор нест» мегӯяд халқи доноямон.***

***Фақат ҳаминро хотиррасон мекунем, ки «Овози тоҷик» рӯзномаи иҷтимоиву сиёсии ҷумҳурият буда, нашрияи Олий Маҷлис ва Девони Вазирони Ӯзбекистон аст, сиёсати дохиливу берунаи ҳукумат, Президентро тарғибу ташвиқ менамояд. Ба тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурият, навгониҳои олам дахл мекунад. Тарағибгари дӯстии халқҳост. Вазифаи асосии худро дар тарғибу ташвиқи сиёсати ҳукумати мамлакат дар байни тоҷикон ва тоҷикзабонони ӯзбекистонӣ медонад.***

***Дуруст аст, ки рӯзнома аз камбудиву хатоҳо орӣ нест ва ҳаракат мекунем, ки онҳо тезтар бартараф гарданд. Вале як далел моро азоб медиҳад. Чаро мардуми мо ба рӯзномаи худ обуна намешаванд ва нашрияи яккаву ягонаи ҷумҳуриро ба забони тоҷикӣ ҳаматарафа ҷонибдорӣ намекунанд? Шояд ба онҳо гапу калочаи баъзеҳо таъсир расонда бошад, ки тарҳи рӯзномаро надида, аз ғайбаш баҳо медиҳанд.***

***Дар ин бобат мунтазири фикру мулоҳизаҳои шумоён ҳастем, муштариёни азиз.***

# Вохӯрии фаромӯшнопазир

Мо, хонандагони рӯзнома, мақолаи пурмазмуни устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишери Навоӣ Ҷумъақул Ҳамроев «Муҳити шеър» («Овози тоҷик», 4.09.с.2002-ро бо марок хонда, таассуроти нағз гирифтем. Навиштаҷоти номзади илми филология, доцент Ҷ. Ҳамроев ба фаъолияти шоирии шоири халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Мӯъмин Қаноат бахшида шудааст.

Дар ҳақиқат устод Мӯъмин Қаноат дар инкишофи назми адабиёти муосири тоҷик нақши муҳим бозидааст. Шоир аз шеърҳои мазмундор ба достоннависӣ гузашт, ба шоири достонсаро табдил ёфт.

Шеърҳо, махсусан достоҳои ӯ «Мавҷҳои Днепр», «Достони оташ», «Сурӯши Сталинград», «Исми ман—Тоҷикистон», «Гавҳари Сино» ҳанӯз дар солҳои ҳукмронии собиқ иттифоқ, дар даври карахтию рукуд асарҳои дӯстдоштаи хонандагони сершумор ҳисоб меёфтанд. Шоир соҳиби обрӯи баланд, мукофотҳо, узви кумитаҳою созмонҳо буд. Барои он асарҳо вай ба таърифҳо ва баҳоҳои муносиби мунаққидон сазовор гашт.

Китобҳои Мӯъмин Қаноат ба забонҳои гуногуни ҷаҳон тарҷума шуданд. Ҳоло ҳам онҳо хеле аҳамиятноканд.

Адиби маъруф на фақат бо шоирӣ машғул буд, балки дар корҳои давлатию ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекард. Баъди устод Мирзо Турсунзода ба Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон якчандсол роҳбарӣ кард. Ба афзоиши қувваҳои нави адабӣ ҳиссаи калон гузошт.

Мо бори аввал бо Шоири халқии Тоҷикистон Мӯъмин Қаноат соли 1980 дар ҷашни 70—солагии шоир—сарояндаи баҳор ва бахт Ҳамид Олимҷон вохӯрдаем. Устод Мӯъмин Қаноат ба ин тадбири бошукӯҳ бо ҳамроҳии Нависандаи халқии Тоҷикистон Фотеҳ Ниёзӣ (1914—1992) ба Самарқанд омада буд. Устод Ф. Ниёзӣ дар тадбири ботантана доир ба рӯзгори Ҳамид Олимҷон ва дӯстии ҳамкораш бо ӯ маърӯзаи доманадор кард. Шоири маъруфи ӯзбек Ҳамид Олимҷон (1909—1944) дар умри кӯтоҳмуддати худ, дар солҳои вазнин ҳамчун шоири баркамол эҷод карда, шеъру достонҳои манзури хонандагон офаридааст. Маърӯза ҳамон замон дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» («Овози тоҷик»-и ҳозира) чоп шуд. Мо муфассал бо он шинос шуда, маълумоти саҳеҳ гирифтем.

Мо, ҳаводорони адабиёт, дар фойэи Театри опера ва балети Самарқанд ба номи Ҳамид Олимҷон ҳангоми танаффус бо устодон Ф. Ниёзӣ, М. Қаноат ва адиби самарқандӣ Нор Остонзода вохӯрда, аз сӯҳбати онҳо баҳраманд шудем. Донишҷӯе ба Ф. Ниёзӣ вақте ки китоби соли 1949 чопшудаи ӯро ба дастхатнависонӣ пешкаш кард, муаллиф хеле болид ва бо донишҷӯи китобдӯст дуру дароз ва самимӣ ҳамсӯҳбат шуд. Ин китоби зиёда аз сӣ сол маҳфуз дошта шуда қисми якуми романи «Вафо»-и устод Ф.Ниёзӣ буд.

Аз мақолаи номзади илми филология, дотсент Ҷумъақул Ҳамроев хабар ёфтем, ки шоири машҳури тоҷик М. Қаноат 70-сола шудааст, мо, тоҷикони ӯзбекистонӣ, соҳибҷашнро бо ин синни муборак самимона табрик мегӯем, ба ӯ аз офаридгор саломатии мустаҳкам, умри дароз ва эҷодиёти пурбаракат металабем. Умед дорем, ашъори устод М. Қаноат боз ҳаводорони зиёд пайдо мекунад.

Замон дигар гашт. Давлати соҳибистиқлоли мо ниятҳои нек дорад, ки онҳо таҳким бахшидани алоқаҳои фарҳангӣ ва ҳунарии халқҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Он рӯзҳо дур нестанд, ки мо ба дидори шоирон, нависандагон, олимон ва аҳли ҳунари тоҷик, аз он ҷумла устод Мӯъмин Қаноат хоҳем расид.

**Ш.МИРЗОЕВ.**

Аҳли маҳаллаи «8 март»-и ноҳияи Сиёби шаҳри Самарқанд дар бобати амалӣ гардондани вазифаҳои бузурге, ки дар назди мақомоти худидораи шаҳрвандон гузошта шудаанд, намунаи ибрат зоҳир мекунанд.

**Дар сурат:** фаъолони маҳалла ҳини муҳокимаи масъалаи навбатӣ.



**Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.**

